«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.
_______________
«19» 06 2024 с.

# ХУЛОСА

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи «Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991–2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-таърихи ватанӣ бо қарори Шурои олимони факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.12.2016, таҳти №5 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18.06.2024, суратмаҷлиси №11 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Холов Шералӣ Ибодуллоевич ба ҳайси докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик ва танзимгари шуъбаи ғоибонаи факултети таърих ва ҳуқуқ ва мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, инчунин муовини декан оид ба тарбияи факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Холов Шералӣ Ибодуллоевич соли 2014 аз рӯйи ихтисоси таърих-ҳуқуқ, зинаи таҳсилоти бакалавр ва соли 2016 зинаи таҳсилоти магистратураи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро аз рӯйи ихтисоси таърих хатм намудааст. Солҳои 2016–2019 дар зинаи докторантураи Ph.D-и факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси таърихи ватанӣ таҳсил намудааст. Имтиҳонҳои номзадиро тибқи накшаи таълимӣ ба таври комил супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои докторанти Ph.D (№19, аз 15 декабри соли 2023) аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Расулиён Қаҳҳор Расул, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи «Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991–2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-таърихи ватанӣ дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзои кафедра профессорон Собирова Қ.Д., Расулиён Қ.Р. н.и.т, дотсентон Асрориён Ҷ., Шодипур Ю., Ҷураев Ҷ., Шарипов Ҷ., Умаров А.Қ. ва дигар аъзои кафедра, инчунин намояндагони кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров аз ҷумла доктори илмҳои таърих, профессор Набиев В.М., ва н.и.т., дотсени Шарипов Ш. иштирок доштанд.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми таърих аз рӯйи ихтисоси таърихи ватанӣ бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия**. Омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми омодасозии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ барои мукаммал гардидани сифати таҳсилот, талаботи замони муосир, ба эътибор гирифтани бозори дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, соҳаҳои даромадноки истеҳсолоти ватанӣ ва рақобатпазир гаштани соҳаҳои иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Бо пешрафти илму техника талабот ба ихтисоҳои техникӣ бештар гашта, шумораи донишгоҳу донишкадаҳо ва ихтисосҳои техникӣ дар тамоми кишварҳо рӯ ба афзоиш дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумиҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ додаанд. Ба андешаи Пешвои миллат «Талаботи ҳаёт, робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвари соҳибистиқлоламон аз ҳар як толибилм тақозо мекунанд, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардад, барои рушди инноватсионӣ ва рақобатпазирии кишвари худ талош варзад». То замони истиқлол талабот ва омода намудани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ ба таври ба худ хос омода ва ба кор таъмин мегардиданд. Мутаассифона, дар давраи бесарусомониҳо бархе аз мутахассисон ба дигар кишварҳо кӯч бастанду пойгоҳи моддӣ-техникии

донишгоҳҳо низ ба таври зарурӣ муҷаҳҳаз нагардиданд, ки ин ҳолат ба омодасозии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ таъсири амиқ расониданд.

Имрӯз вобаста ба рушди ҷомеа таҳқиқи таърихи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ амрӣ воқеист. Зеро мушаххас бояд кард, ки давоми 25 соли соҳибистиқлолӣ дар ин самт чи дастовару норасоист ва барои дигарунӣ ва ба ҷаҳони муосир мутобиқ кардани таҳсилоти равияҳои техникӣ чи бояд кард. Омӯзиши хусусиятҳои вазъи кунунии низоми маориф, таҷрибаи иҷтимоӣ ва сунати мактабсозии дорандагони унвонҳои илмӣ, ба вақти иҷтимоӣ мувофиқ будани корҳои илмӣ – тадкиқотӣ, захираи зеҳниву техникии донишгоҳҳо ва то кадом андоза риоя гардидани меъёри асосии таълими илмҳои техники ба мисли «Таълим – Илм – Истеҳсолот».

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мeёбад, ки таърихи таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои пешбари умури равияи техникӣ ва вазъи омодасозии мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ дар 25 соли истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас шавад. Барои анҷом додани ин мақсад муаллифи рисола иҷрои вазифаҳои зеринро зарур медонад:

- мушаххас намудани ҷойгоҳи равияҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти олии кишвар;

- таҳқиқ намудани раванди таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои нави техникӣ дар Тоҷикистон;

- баррасии таҳаввулоти пойгоҳи моддӣ-техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон;

- омӯзиши дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ;

- баррасии равобити илмӣ-таълимии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон бо муассисаҳои пешбари умури таҳсилоти олӣ дар кишварҳои хориҷӣ;

- мушаххас намудани сатҳи омода намудани кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Рисола аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои он метавонад дар анҷоми корҳои илмии муаррихон, мутахассисони соҳаи маориф ва донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ҷиҳати дурнамои омодасозии мутахассисон ёрӣ расонад. Натиҷаи таҳқиқотро метавон барои таҳияи стандартҳо, нақшаву барномаҳои давлатӣ дар самти омодасозии кадрҳои техникӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва маводи иловагии омӯзиш дар макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дод. Хулоса ва тавсияҳои

диссертатсия барои таҳқиқи бисёр масъалаҳои мубрами таърихи маориф ва илми кишвар дар замони истиқлол ва низоми омодасозии мутахассисон муфид мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводди тадқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои тадқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимоднокии тадқиқот мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳия ва асосноккунии номи мавзуъ, таҳия ва татбиқи нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи соҳавӣ, таҳлили адабиёти мавҷуда, таҳлили вазъи омодасозии кадрҳои маҳаллӣ ва иқтидори моддӣ-техникиву зеҳнии донишгоҳу донишкадаҳои техникии кишвар зоҳир мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани мутахассисон (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-таърихи ватанӣ бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 6D020300 – Таърихи ватанӣ мутобиқат менамояд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаи муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар таърихнигории ватанӣ бори нахуст масъалаи таърихи таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар дар самти омода кардани мутахассисон дар асоси далелҳои муътамади таърихӣ таҳқиқ гардидааст. Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич сохтори мунтазам, пайдарҳамии мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф маҳсуб меёбад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия дар 8 мақолаи илмии зерини нашршудаи муаллиф, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, мазмуни корро ба таври комил инъикос менамоянд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

1. Холов, Ш.И. Ҳамкориҳои байналмиллалии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб [Матн] / Ш.И. Холов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. – №5. – С.83-86.

2. Холов, Ш.И. Нақши Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон дар омода намудани мутахассисони соҳаи коркарди металҳои кӯҳӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ [Матн] / Ш.И. Холов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2019. – №1. – С.140-142.

3. Холов, Ш.И. Нақши Донишгоҳҳои техникии Тоҷикстон дар омода намудани мутахассисони соҳои саноат [Матн] / Ш.И. Холов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2019. – №5. – С.50-53.

4. Расулиён, Қ., Холов, Ш.И. Таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ. Расулиён, Ш.И. Холов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №6 (107). – С.200-210.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

5. Холов, Ш.И. Эмомалӣ Раҳмон асосгузори сулҳи байни тоҷикон [Матн] / Ш.И. Холов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-назариявии олимони ҷавони ДМТ таҳти унвони «Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат-роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон». Бахшида ба 20 солагии Ваҳдати миллӣ ва соли ҷавонон, ш. Душанбе, 18-19 майи соли 2017. – Душанбе, 2017. – С.15-17.

6. Холов, Ш.И. Таъсиси донишгоҳҳои техникӣ дар Тоҷикистон дар солҳои истиқлоли давлатӣ [Матн] / Ш.И. Холов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ зери унвони Истиқлоли давлатӣ: марҳилаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик (ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)». ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ш. Душанбе, 4 сентябри соли 2021. – Душанбе, 2021. –С.384–395.

7. Холов, Ш.И. Иҷлосия XV1 Шурои Олӣ ва рушди донишгоҳҳои техникии Тоҷикистон [Матн] / Ш.И. Холов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Аҳамияти таърихии Иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон дар мустаҳкам гардидани пояи Истиқлоли давлатӣ». ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ш. Душанбе, 15 ноябри соли 2022. – Душанбе, 2022. – С.244-247.

8. Холов, Ш.И. Равнақ пайдо намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар донишгоҳҳои равияи техникӣ дар солҳои 2010–2020 [Матн] / Ш.И. Холов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни донишгоҳ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик, Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040), Солҳои рушди саноат (солҳои 2022–2026) ва 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ш. Душанбе, 14–19 апрели соли 2022.– Душанбе, 2022. –С. 220–225.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи «Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991–2016)» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи «Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991–2016)» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-таърихи ватанӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 18.06.2024, №11 қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар.

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**н.и.т., дотсент** **Асрориён Ҷ.О.**

**Котиби ҷаласа** **Шаҳобова Д.**

**Имзои Асрориён Ҷ.О. ва Шаҳобова Д.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**